# Тақриз

**ба автореферати Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи «Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз руйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ**

Ҳар як асари бадеӣ, хосатан асарҳои бадеии таърихӣ, хоҳ манзум бошаду хоҳ мансур дорои вижагиҳои махсуси услубӣ ва лексикиву грамматикӣ мебошанд. Аз ин ҷиҳат, омӯзиш ва пажуҳиши муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои содаи «Чор дарвеш» низ яке аз масъалаҳои хеле муҳимми забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад.

Густариши забони имрӯзаи тоҷикӣ дар он сурат мукаммал мешавад, ки осори ғановатманди давраҳои гуногуни таърихи он омӯхта шаванд. Таҳқиқи ҳар як асаре, ки дар давраҳои аввали густариши илму адабамон ба вуҷуд омадаанд, барои ташаккули забони имрӯзаи тоҷикӣ мусоидат мекунанд ва аз чунин вижагиҳо «Чор дарвеш» низ истисно нест.

Ба ҳамин хотир, муҳаққиқ муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои содаро дар пояи маводи «Чор дарвеш» ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Навгонии илмии ин таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар забоншиносии тоҷик бори нахуст вижагиҳои дастурии муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои содаи ин асари бадеӣ аз ҷониби Иброимова Гуландом ба сифати як диссертатсияи ҷудогона мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Мавзуи интихобнамудаи диссертант ҷолибу мубрам буда, таҳқиқоти ӯ аз чанд ҷиҳат дорои афзалияти илмӣ аст: а) пажуҳиш дар асоси як асари боарзиши мансури бадеии давраи классикӣ сурат гирифтааст: б) таҳқиқ бо ҷалби мисолҳо дар пояи муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои содаи ин асар ба анҷом расидааст.

Аз мундариҷаи автореферат чунин ба мушоҳида мерасад, ки муҳаққиқ дар таҳқиқоти худ, асосан ба маводи муродифоти ибораҳои номӣ, ҷумлаҳои сода ва хусусиятҳои грамматикии онҳо, қолабҳои иборасозӣ аз рӯйи ҳиссаҳои номии нутқ, инчунин вижагиҳои маъноӣ ва услубии ибораву ҷумлаҳои содаи «Чор дарвеш» - ро таҳлил ва таҳқиқ кардааст.

Лозим ба зикр аст, ки ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия тавассути се боби он - «Масоили назариявии муродифоти ибора ва ҷумлаҳои сода дар забоншиносӣ, «Қолабҳоиибораҳои номии ҳаммаъно дар «Чор дарвеш», «Муродифоти ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш» ва фаслҳои онҳо амалӣ гардидааст.

Автореферати диссертатсия бо забони ровону фаҳмо ва фасеҳ таълиф гардида, бешубҳа натиҷаҳои кори таҳқиқотии унвонҷӯро инъкос мекунад. Аз саҳифаҳои автореферат чунин ба назар мерасад, ки муҳаққиқ аз корҳои илмии олимони шинохтаи соҳа огаҳӣ дорад ва дар баробари эҳтироми илмӣ гузоштан ба андешаҳои донишмандони забоншинос фикрҳои шахсии худро низ бо далелҳои мушаххас баён намудааст.

Диссертант дар 17 банд натиҷаи кори таҳқиқотии худро хулосабарорӣ кардааст, ки моҳияти онро ифода менамоянд. Автореферати Иброимова Гуландом дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст.

Дар баробари ин, дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ роҳ ёфтааст, ки зикри онҳоро барои беҳбудии кор дар оянда лозим меҳисобем:

1. Баъзе ғалатҳои имлоӣ ва аломатҳои китобатӣ ба мушоҳида расид (саҳ.5, 6, 9, 11, 15, 17).

2. Услуби бархе аз ҷумлаҳо коҳиш ёфтааст. Чунончи: Ҷумлаҳои сода аз нигоҳи таркибу сохт ба яктаркиба ва дутаркиба тасниф мекунанд (саҳ.17). - Ин ҷумла агар дар шакли: «Ҷумлаҳои содаро аз нигоҳи таркибу сохт ба яктаркиба ва дутаркиба тасниф мекунанд (ё кардаанд)" меомад хубтар мебуд.

Ин эродҳо ниҳоят ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қимати назарию амалии диссертатсияро халалдор намесозанд.

Бинобар ин, метавон ба натиҷае расид, ки кори таҳқиқотии Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи «Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш» таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Инчунин 9 мақолаи ба нашр расонидаи муҳаққиқи диссертатсия моҳияти кори ӯро муаррифӣ намуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра посухгӯ мебошад.

Муҳаққиқи диссертатсия - Иброимова Гуландом Наимовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ аст.

**Мудири шуъбаи забони тоҷикии**
**Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Рӯдакии АМИТ,**
**номзади илми филология** **Мирзоев Сайфиддин Ҷаборович**

**Имзои С. Мирзоевро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ИЗА ба номи**
**Рӯдакии АМИТ** **Нарзиқулова Ҳилола**

**Суроға: 174025 Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21**
**Тел: 227-27-52**
**Сайт: hh://anrt.tj**
**E-mail: sayf_yagnob@mail.ru**
**Тел: 919-80-38-20**

**«12» майи соли 2023**